«Тасдиқ мекунам»
директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шарифзода Ф. Х.
________________
«26» ________________ 2022

**Хулосаи илмӣ**

**доир ба мубрамӣ ва аҳамияти мавзуи диссератсияи аспиранти шуъбаи забон Каримов С.Р. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**

Мавзуи диссертатсияи аспиранти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Каримов Самариддин Раҳматуллоевич таҳти унвони «Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII», ки бо қарори ҷаласаи Шурои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ аз 28-уми апрели соли 2017 тасдиқ шудааст, дар шуъбаи забони Институти мазкур солҳои 2017 - 2021 таҳия гардида, ба анҷом расида буд. Мавзуи мазкур хеле мубрам ва актуалӣ буда, дар ташаккули лингвокултурологияи тоҷик саҳми арзандае мегузорад.

Мусаллам аст, ки аз ҷониби забоншиносони тоҷик дар самти калимасозӣ, маъниофаринӣ рисолаҳои зиёди илмӣ ҳимоя шудаанд, вале доир ба омӯзиши хусусиятҳои забонӣ-фарҳангии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳои осори асрҳои X-XII-и тоҷик дар забоншиносии тоҷик маълумоти муфассале мавҷуд набуд. Каримов С. Р. дар рисолаи худ тавонистааст, ки ба таври назариявӣ ва амалӣ бо овардани далелҳои гуногуни илмӣ собит намояд, ки лингвокултурологияи тоҷик таърихи хеле куҳан дошта, осори классикӣ дар асоси ҷанбаъҳои ин масъала эҷод гардидаанд. Омӯзиши лексикаи соҳавии осори асрҳои X-XII бори нахуст дар кори диссертатсионӣ ба таври густурда нишон дода шуда, таснифоти диссертатсия ва монографияҳои алоҳида бар асоси осори хатти дарҷ гардидаанд. Ғайр аз ин, бори нахуст таҳлили лингвокултурологии

вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо, филизоти гаронарзиш, лексикаи ороишоти занона, инчунин, таҳлили сохториву этимологии ин гурӯҳи вожаҳои осори садаҳои мавриди назар дар забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, урфу одат ва боварҳои мардуми тоҷик аз назари забониву фарҳангӣ баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, дар рисола бори нахуст таҳлили маъноии вожагони ҷавоҳирот ва сангҳои гаронбаҳо, басомади бархеи онҳо дар осори муайяни садаҳои мавриди назар таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дар иртибот ба пешрафти илмҳои гуногун, аз ҷумла илми забоншиносӣ ва падид омадани самтҳои нави илмӣ мавзуи «Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII» дар забоншиносии тоҷик хеле муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, пешниҳоди мавзуи мазкурро барои ҳимоя ҷонибдорӣ менамоем.

Мудири шуъбаи забони
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ,
номзади илми филология Мирзоев С.

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО